«Тасдиқ мекунам»
Муовини Вазири энергетика
ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Худобахш Ш. О. ________
«31» ____10____ соли 2024

# ПРОТОКОЛИ

## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравии «Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31-уми октябри соли 2024 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**

Дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд. (руйхат замима мегардад).

**Рузномаи ҷаласа:**

1. Муаррифии «Манбаъҳои барқароршавандаи энергия».
2. Муаррифии «Низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
3. Омузиш дар мавзуи “Арзёбии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати беҳтар намудани идоракунӣ”.

Ҷаласаро муовини Вазири энеретика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикстон - Худобахш Ш. О. оғоз намуда, ҳозиринро барои иштирок дар чорабинии мазкур изҳори сипосгузорӣ карданд.

Ҳамзамон, раисикунанда вобаста ба боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти кории Гурӯҳи корӣ фикур андешаҳои баён намуда, таклифу пешниҳодҳои дахлдорро манзур намуданд.

Пас аз баён намудани фикру мулоҳизаҳои худ, раисикунанда ҷиҳати мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои рузномаи ҷаласа суханро ба ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Мадҷон М. дод. Дар навбати худ, Котиби Шӯро, вобаста ба нақши Шӯро дар амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР 2021-2025) ва Ҳадафҳои рушди устувор маълумот пешниҳод намуда, қайд намуд, ки Шӯро мақоми машваратӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон буда, бо мақсади таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаҳои амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Дар доираи Шӯро Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ аз рӯи 14 ҳадафу афзалиятҳои стратегии рушди кишвар фаъолият менамоянд, ки мақсади асосии онҳо баррасии роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои миллии гузошташуда мебошад.

Сипас, тибқи рузномаи ҷаласа доир ба масъалаи якум аз ҷониби Сардори раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон - Хайруллозода Қурбоналӣ рӯнамо пешниҳод гардид, қайд кард шуд ки мақсади асоси Барнома ин самаранок истифода намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия, беҳтар намудани сифати таъминоти неруи барқ ва гармӣ дар тамоми қаламравӣ ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар деҳаҳои дурдасти баландкӯҳ ва минтақаҳои аз ҳисоби эътимоднокии барқтаъминкунии мутамарказ осебпазир, зиёд намудани иқтидорҳои истеҳсолии энергетикии кишвар аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолии деҳаҳои дурдаст ва баландкӯҳ, Рушди соҳаҳои муҳим иқтисодиёти минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳ, ҳифзи муҳити зист ва кам кардани партовҳои газҳои гулхонагӣ, рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳ, зиёд намудани саҳми минтақаҳои дурдаст дар амнияти озуқавории кишвар аз ҳисоби бунёд гардидани корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ дар ин минтақаҳо, таъсиси ҷойҳои кории нав, ва дигар паҳлуҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои дурдаст ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд, ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа аз ҷониби сардори сарраёсати сиёсати энергетики, ва рушди илму техникаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон - Абдуразоқзода Далер рӯнамо вобаста ба Низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаши иштирокчиёни ҷаласа манзур гардид.

Маълумот дода шуд, ки Низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми ягона фаъолият намуда, дар чор минтақаи ҷумҳурӣ, тибқи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ аз ҷумла вилятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ пайваст аст.

Илова бар ин, аз ҷониби номубурда қайд карда шуд, ки бахши электроэнергия аз ҷониби ҶСК “Барқи Тоҷик”, ҶСК “Шабакаҳои интиқоли барқ” ва ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ”, ки 100 фоизи саҳмияҳои он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, идора карда мешавад.

Сипас, доир ба масъалаи сеюми ҷаласа аз ҷониби мушовири миллии Барномаи Рушди СММ - Одинаев О. М. вобаста ба Муаррифии “Арзёбии сиёсати иқтисодӣ ҷиҳати беҳтар намудани идоракунӣ” рунамо пешкаши иштирокчиёни ҷаласа манзур намуд.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳадафи асосии баргузории курсҳо ва тренингҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои арзёбии сиёсат, ҷиҳати беҳтар намудани идоракунӣ аз ҷумла

- барои самаранокии идоракунии давлатӣ саҳм мегузорад;
- барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, ки ба пешрафти кишвар ва некӯаҳволии мардум равона гардидааст, мусоидат менамояд;
- барои баланд бардоштани сифати ҳисоботдиҳӣ ва беҳтар намудани раванди қабули қарорҳо шароит фароҳам меорад;
- барои баланд бардоштани малака, салоҳият ва дониши хизматчиёни давлатӣ кӯмак мерасонад.

Дар анҷоми ҷаласа, аз ҷониби иштирокчиён вобаста ба масъалаҳои болозикр муҳокимаронииҳои дахлдор сурат гирифта, қайд гардид, ки бо мақсади самаранок истифода бурдани манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва дар ин замина таъмини соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ бо неруи барқи доимӣ зарур аст, ки корбариҳо бо бахши хусусӣ ҷиҳати сохта ба истифода додани неругоҳҳои хурди барқии обӣ, офтобӣ ва бодӣ, ба роҳ монда шавад.

Илова бар ин, аз ҷониби намояндаи Ассосиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста ба пешбини намудани тарофаҳои имтиёзнок ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт ҷиҳати мусоидат ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, барномаҳои махсус барои дастгирии хоҷагиҳо дар харид ва истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ, тарзи истифода аз қабили системаҳои обёрии қатрагӣ ё насосҳои каммасраф аз технологияҳои сарфакунандаи энергия, додани имтиёз ба бахшҳои хусусӣ дар ҳамкори бо ассосиатсияҳо барои сохтани неругоҳҳои хурд барои фаъолияти корӣ ва фароҳам овардани имконият барои насби панелҳои офтобӣ, турбинаҳои шамолӣ ё дигар технологияҳои истифодаи энергияи барқароршаванда дар минтақаҳои деҳот суханронӣ гардид.

Дар ин радиф сардори раёсати электроэнергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои об иброз дошт, ки тарифҳои амалкунанда барои обёрии заминҳои кишоварзӣ имтиёзноканд ва дар муқоиса бо тарифҳои энергияи барқ барои дигар гурӯҳҳои истифодабарандагон нисбатан паст мебошад.

Инчунин, аз ҷониби Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон пешниҳодҳо вобаста ба ҷорӣ намудани барномаҳои маблағгузории сабз, ки ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва таҷҳизоти самаранок нигаронида шудаанд, таъсиси механизмҳои сабукии қарзӣ ва грантӣ барои соҳибкорон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки технологияи сарфакунандаи барқро ҷорӣ мекунанд, ҷорӣ намудани сабукиҳои андозӣ ё дигар имтиёзҳо барои ширкатҳо ва шахсони воқеӣ, ки ба самаранокии энергетикӣ саҳм мегузоранд, таҳияи механизмҳои кафолати давлатӣ барои ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки ба лоиҳаҳои энергетикии хурд сармоягузорӣ мекунанд ва фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ кардани технологияҳои каммасраф дар минтақаҳои дурдаст ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба истифодаи онҳо гардид.

Дар анҷоми ҷаласа ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушд аз аъзои гурӯҳи корӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои дар БМР 2021-2025, СМР-2030 ва ҲРУ даъват ба амал овард.

Баъд аз баррасии ҳаматарафаи масъалаи рӯзнома, ҷиҳати фаъол гардидани гурӯҳи кории «Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таклифу пешниҳодҳои иштиркчиён қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Руйхати аъзои Гурӯҳи корӣ аз нав тасдиқ карда шавад, бинобар сабаби иваз шудани аъзои он.
2. Барои таҳкими нерӯи вазорату идораҳо оид ба масъалаи таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ чорабиниҳои омузишӣ ташкил карда шавад.

Қарори қабулшудаи мазкур, аз ҷониби иштирокчиён қабул карда шуд. Зид ва бетараф нест.

Котиб: Хайруллозода Қ. Х.